**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** (ш. Душанбе, 2025. – 31 саҳ.).

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ФОҶ) як навъи мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ буда, тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки махсус барои ин вазифадор шудааст, бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқии пинҳонӣ амалӣ мегардад. Омӯзиши ЧОҶ, ҳамчун усули фаҳмиш ва дарки воқеъият дар ФОҶ таҳлили муқоисавии онҳоро бо амалҳои тафтишотӣ талаб менамояд. Қариб нисфи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бо амалҳои тафтишотӣ ҳаммонанд мебошанд. Ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ ба андозаи баланд, аз ҷониби худи корманди оперативӣ вобаста ба вазъияти ба миёномада, инчунин, аз он имкониятҳое, ки онҳо доранд муайян карда мешавад (муҷаҳҳазноки бо воситаҳои техникӣ, шумора ва фаъолнокии дастгоҳи махфӣ ва ғ.). Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар исботи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар пешбурди судии ҷиноятӣ мебошад.

Ҷараёни ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ то оғози парвандаи ҷиноятӣ, истифодабарии онҳо ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст. Асосҳои танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-е, ки дар тӯли даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, барои амалигардонӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (м.м. 33, 36-41 КМҶ ҶТ) ва ҳалли вазифаҳои пешбурди он (м. 2 КМҶ ҶТ) мувофиқат мекунанд. Инро ҳам таҷрибаи судӣ ва ҳам кормандони мақомоти мазкуре, ки аз тарафи мо пурсида шудаанд, инчунин, дигар манбаҳо низ тасдиқ мекунанд. Аммо бо вуҷуди ин дастовардҳои қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, механизми истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ, яъне, дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд, инчунин, дигар иштирокчиёни манфиатдори мурофиаи мазкур (м.м. 42-49, 54-60 КМҶ ҶТ) мушкилот ба миён меорад. Албатта, натиҷаҳои ФОҶ бо риояи қонун аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба даст овардашуда, барои ҳалли минбаъдаи масъалаҳои вобаста ба барқарор кардани адолати судӣ зарур мебошанд ва истифодабарии онҳо дар ин ҳангом аҳаммияти калон дорад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур дар заминаи вазъи ҷинояткорӣ ва имконоти танзими ҳуқуқии фаъолияти ФОҶ боз ҳам аҳамияти бештар пайдо мекунад. Тағйирёбии сатҳи ҷинояткорӣ ва зарурати мутобиқсозии усулҳои мубориза бо он ба талаботи замон, талаб мекунад, ки истифодаи натиҷаҳои ФОҶ бо равиши илмӣ ва қонунии бештар таҳким дода шавад.

Механизми амалигардонии натиҷаҳои ФОҶ бояд на танҳо ба ҳалли масъалаҳои амалии ошкорсозии ҷиноятҳо, балки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон низ равона гардад. Барои ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тартибот ва дастурҳои дахлдор бояд аз нав дида шуда, бо назардошти таҷрибаи судӣ ва байналмилалӣ такмил дода шаванд.

Ислоҳоти босамар дар ин самт метавонад ба тавсеаи имконоти таҳқиқи ҷиноятҳо, паст гардидани сатҳи ҷинояткорӣ ва афзудани эътимоди ҷомеа ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намояд.

Таҳқиқоти мазкур аввалин тадқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ)-ро ҳамаҷониба таҳлил мекунад. Навгонӣ дар он аст, ки барои бори аввал мафҳум, марҳилаҳо, механизм ва назорати истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил ва пешниҳод шудаанд. Инчунин, масъалаҳои муосири қонунгузорӣ, амалия ва механизмҳои назоратӣ бори аввал дар сатҳи илмӣ таҳқиқ шудаанд.

Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он масъалаи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ (аз ташхиси ибтидоӣ то баррасии судӣ) бо таҳлили мукаммали назариявӣ ва амалии механизми татбиқ таҳқиқ гардидааст. Дар таҳқиқот раванд ва масъалаҳои мубрами вобаста ба ҳуҷҷатноккунонии натиҷаҳо, риояи қонунгузорӣ дар давоми амалигардонии фаъолияти оперативӣ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми исбот, инчунин механизмҳои назоратӣ – ҳам судӣ ва ҳам идоравӣ – ба таври амиқ таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Махсусан, диққат ба таҳлили мушкилоти вобаста ба татбиқи ин натиҷаҳо дар амалиёти ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба қонуният ва адолати судӣ дода шудааст. Ин имконият медиҳад, ки пешниҳоди таклифҳои амалишаванда ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои назоратӣ бо назардошти воқеиятҳои муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ, масъалаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, ба хулосаи

муҳиме даст ёфта шуд. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар натиҷаи чорабиниҳои махсус ва амалҳои ғайриошкоро ба даст оварда мешаванд, дар сурати қонуният ва дуруст ҳуҷҷатнок гардидан, метавонанд ҳамчун воситаи исбот дар парвандаҳои ҷиноятӣ истифода шаванд.

Бо вуҷуди он ки ин институт дар низоми мубориза бо ҷинояткорӣ мавқеи устуворро ишғол мекунад, амалӣ намудани он бо як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ ва ташкилӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, норасоии равшанӣ дар талаботи ҳуҷҷатгузорӣ, механизмҳои ноқис ё ғайришаффофи назоратбарӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии шахсони ба чорабиниҳо ҷалбшуда, истифодаи самараноки натиҷаҳои оперативиро мушкил месозанд.

Таҳқиқ нишон дод, ки барои баланд бардоштани самаранокии ин институт ва мутобиқ намудани он ба талаботи мурофиаи одилона, бояд як зумра чораҳо, аз ҷумла: пурзӯр намудани назорати судӣ ва идоравӣ, такмили қонунгузории соҳавӣ, таҳияи меъёрҳои дақиқи санҷиши асоснокии натиҷаҳо, ва кафолати шаффофияти истифодаи онҳо, роҳандозӣ гарданд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ бозгӯи онанд, ки истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд на танҳо аз ҷиҳати самаранокии мубориза бо ҷинояткорӣ, балки аз дидгоҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини қонунияту адолати судӣ арзёбӣ ва ба роҳ монда шавад.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар қисме аз таҳқиқот истинод ба таҷрибаи байналмилалӣ вобаста ба назорати судии фаъолияти ФОҶ муфассалтар тавсиф мешуд, арзиши муқоисавии таҳқиқот бештар мешуд.

Тағйироти зуд дар муҳити ҷиноятӣ, пайдоиши воситаҳои нави содиршавии ҷиноят, истифодаи технологияи рақамӣ – мушкилоти навро пеш овардааст, ки қонунгузории ҷорӣ ва механизми мавҷудаи истифодабарии натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба он пурра мутобиқ нест. Мехостем сабаби таҳлил нагардидани масъалаи мазкур дар доираи рисолаи илмӣ ва мавқеи муаллифро роҷеъ ба ин масъала зимни ҳимояи ошкоро донистa бошем.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳимми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи натиҷаҳои ФОҶ саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Назаров А.Қ.

**Имзои Назаров А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.**

**«20» 08 2025 с.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
https://law.tnu.tj/tj/asosi/

«20» 08 2025 сол